“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”
Ректори Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ш.Панҷакент
профессор_____________Ансорӣ М.Қ.
«01» ноябри соли 2022

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШКАДАИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР Ш.ПАНҶАКЕНТ

Диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараљаи илмии номзади илмњои педагогї аз рўйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент ба анҷом расидааст.

Дар давраи омодагӣ ба таълифи рисола Давлатов Д.А. ба сифати унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент фаъолият бурдааст.

Давлатов Давлат Амриддинович соли 2013 факултети математика ва информатикаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакентро аз рӯи ихтисоси омӯзгори фанҳои математика ва информатика (бакалавр) хатм намудааст. Соли 2016 шуъбаи магистратураи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакентро аз рӯи ихтисоси математика-информатика хатм кардааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ба Давлатов Д.А. аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” соли 2022 дода шудааст.

Ба сифати роҳбари илмии унвонҷӯ Файзиев Исматилло Давлатович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи назарияи физика ва

методикаи таълими он Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” тайин шудааст.

**Аз натиҷаи муҳокимаи рисола чунин қарор қабул карда шуд:**

Маълум аст, ки таълими анъанавии фанҳо дар муассисаҳои олии касбии Љумҳурии Тољикистон ба азхудкунии пайваста ва пайдарпайи дониш асос ёфта, ба қобилияти репродуктивии донишҷӯ бе назардошти иқтидори шахсӣ ва эҷодӣ такя мекунад. Воқеият дар он аст, ки мутахассиси баландихтисоси муосирро зарур меояд, дар шароити мураккаб ва босуръат тағйирёбандаи пешрафти илмию техникӣ кор кунад. Ин аз ӯ пайваста такмил додани дониш, фазилати олии умумиро талаб мекунад, ки бо донишҳои амиқи махсус, малакаҳои гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ва муносибати эҷодӣ ба фаъолияти касбии онҳо тавъам мешавад. Мутахассисони ҷавони муосири дорои таҳсилоти олӣ, ки қобилияти худидоракунии эҷодӣ доранд, бояд барои ҳалли мушкилоти нави касбие омода бошанд, ки ҳалли ғайриистандартии эҷодиро талаб мекунанд Ва агар дониши амиқ ба платформаи омодасозии насли нави мутахассисони салоҳиятдор табдил ёбад, пас такягоҳе, ки ба онҳо дар фаъолияти меҳнатии ҳаррӯза бартарӣ медиҳад, фаъолияти эҷодӣ ба ҳисоб меравад. Ин худ гувоҳи он аст, ки феълан зарурати таҳияи технологияи рушди эҷодиёти донишҷӯён аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Мавзӯи таҳқиқоти илмии Давлатов Д.А. як қисмати муҳими нақшаи илмӣ-тадқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент буда, дар Шӯрои ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Мазмун ва мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) мутобиқ аст.

Кори диссертатсионӣ мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва инчунин таҳқиқи

ҳамаҷониба  ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ва донишкадаҳо таҳия гардидааст.

Дар кори илмӣ асосҳои методологӣ ва назарии  муаммои таҳқиқот муайян карда шудаанд; фаҳмиши илмии муаррифии мафҳуми «рушди эҷодкории донишҷӯён» мушаххас шудаанд; шароити психологию педагогӣ барои рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ муайян карда шудаанд; нақши технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии рушдкунанда дар рушди эҷодкории донишҷӯён нишон дода шудааст; барномаи рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ карда шудааст; самаранокии корҳои озмоишӣ -таҷрибавӣ оид ба рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ муайян карда шудаанд.

Аҳамияти амалии таҳќиќот аз таҳия ва татбиқи моделҳои рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ; санҷиши шаклҳои асосӣ, усулҳо ва воситаҳои рушди эҷодкории донишҷӯён бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ; таҳия ва нашри дастурҳои методӣ оид ба рушди эҷодкории донишҷӯён бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;  таҳия ва мавриди озмоиш қарор гирифтани саволномаҳо ва санҷишҳо, ки арзёбӣ кардани сатҳи рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро имкон медиҳад, иборат аст.

Нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои тадқиқот  ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба ягонагии  принсипҳои методологӣ ва педагогии таҳқиқот,  арзёбии диалектологии раванди таълиму тарбия,  равшану возеҳ будани фарзияи  (асоснокии он, дастрасӣ)  асос меёбанд.

Таҳқиқоти ҳамаҷониба, ки аз пажӯҳишгар муайян намудани рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад, ки фарзияи пешниҳодшударо бо эҳтимолияти қавӣ тасдиқ намуда,  нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои таҳқиқотро  ба

таври илмӣ асоснок кунад. Дар бобати асосноккунии назариявӣ ва методологии модели ба амалия нигаронидашудаи инкишофи эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад, ки иборат аз интихоби супоришҳои махсус, маводи озмоишӣ-таҷрибавии натиҷаи оморӣ дошта, хулосаҳои бадастомада аз таҷрибаи фаъолияти омӯзгорӣ мебошад, шаҳодат медиҳад.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шартҳо ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи тадқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

1.Фаҳмиши илмӣ роҷеъ ба мундариҷаи мафҳуми «рушди эҷодкории донишҷӯён» мушаххас карда шуд.

2. Шароитҳои психологию педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ муайян карда шуданд.

3. Нақши технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии рушдкунанда дар рушди эҷодкории донишҷӯён ошкор карда шуд.

4. Барномаи рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути васоити технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таҳия шуд.

5. Самаранокии корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ роҷеъ ба рушди эҷодкории донишҷӯён бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ муайян карда шуд.

Аҳамияти назариявии тадқиқот аз он иборат аст, ки дар он моҳияти кор мушаххас шуда, хусусиятҳои рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ошкор гардида, робита байни рушди эҷодкории донишҷӯён бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва рушди соҳаи арзишу ҳавасмандкунии шахсияти мутахассиси оянда муқаррар карда шуд. Ҳамаи инҳо асоси

ақидаҳои васеи назариявӣ дар бораи рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ хоҳанд буд; маҷмӯи оптималии шароитҳои педагогиро, ки маҳсулнокии рушди эҷодкории донишҷӯёнро тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таъмин мекунанд, пешниҳод ва асоснок карда шудааст.

Тавсияҳои педагогии дар рисола пешниҳод гардида метавонанд ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои инкишофи эҷокории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ кӯмаки амалӣ расонанд.

Натиҷаҳои тадқиқот ва нуктаҳои асосии рисола дар семинарҳои илмӣ-назарии кафедраи педагогика ва психология, конференсияҳои анъанавии ҳамасолаи устодони Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, дар конференсияҳои илмӣ-назарии ҷумҳуриявию вилоятӣ ироа гардидаанд.

Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии рисолаи илмиро инъикос мекунанд.

Матлабҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқот дар 10 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла дар 3 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда инъикос ёфтаанд.

Кори диссертатсионии Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» рисолаи ба анҷом расидаи тахассусӣ буда, дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ омода шудааст ва ба талаботу меъёрҳои Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳо ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 муқаррар гардидааст, пурра ҷавобгӯ аст.

Кори диссертатсионии Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогї) пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур аз тарафи номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ғаффоров Мизроб тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент муҳокима ва қабул шудааст. (Ќарори № 3 аз «06» октябри соли 2022).

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 12 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” –нест. Қарор бо як овоз қабул шуд.

Мудири кафедраи педагогика ва психологияи
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар ш.Панҷакент, доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Петрусевич Аркадий Аркадьевич

**Маълумот барои тамос:** 735500 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Панҷакент, х. Рӯдакӣ 106. тел. (+9923475) 54050,532269. почтаи электронӣ: tou@bk.ru

*Имзои А.А.Петрусевичро тасдиқ менамоям.*
*Сардори РК ва КМ Донишкадаи омӯзгории*
*Тоҷикистон дар ш.Панҷакент* *Қурбонов М.*